**ХАДАМОТИ ГУМРУКИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

*734025 ш. Душанбе, к. Бухоро -50/1, тел: 221-22-35; 221-16-92; факс: 221-46-30 www.customs.tj / customs@tojikiston.com*

**№150-ф** **«4» декабри 2019 сол**

Рақами бақайдгирии давлатӣ №996 аз 19 декабри соли 2019

# ФАРМОИШ

“Дар бораи тасдиқи Тартиби пешниҳоди ҳисобот оид ба ҳаҷми маҳсулоти коркардшуда ва бақияи ашёи хоми ҷиҳати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда”

Мутобиқи қисмҳои 6 ва 7 моддаи 131 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади татбиқи банди 6 Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани ашёи хоми ҷиҳати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2019, №327 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби пешниҳоди ҳисобот оид ба ҳаҷми маҳсулоти коркардшуда ва бақияи ашёи хоми ҷиҳати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Раёсати таъмини ҳуқуқӣ бақайдгирии давлатии фармоиши мазкурро дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд.
3. Шӯъбаи иттилоотӣ интишори расмии фармоиши мазкурро баъд аз бақайдгирии давлатӣ таъмин намояд.
4. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
5. Раёсати ташкилию бозрасӣ фармоиши мазкурро ба маълумоти мақомоти гумрук расонад.
6. Назорати иҷроиши фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Турсунзода А.Ҳ., вогузор карда шавад.

Сардор Каримзода Х.А.

Бо фармоиши Хадамоти гумруки назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
«_____»___________2019 с, № _______
тасдиқ карда шудааст

# ТАРТИБИ
## пешниҳоди ҳисобот оид ба ҳаҷми маҳсулоти коркардшуда ва бақияи ашёи хоми ҷиҳати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда

### 1. Муқаррароти умумӣ

1. Тартиби пешниҳоди ҳисобот оид ба ҳаҷми маҳсулоти коркардшуда ва бақияи ашёи хоми ҷиҳати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда (минбаъд – Тартиби мазкур), мутобиқи қисмҳои 6 ва 7 моддаи 131 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 6 Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани ашёи хоми ҷиҳати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2019, №327 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, номгӯи ҳуҷҷатҳои иловагии зарурӣ ҷиҳати барасмиятдарории гумрукии ашёи хоми барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда, ки аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешавад, ичунин, тартиб ва шакли пешниҳоди ҳисоботро оид ба ҳаҷми маҳсулоти коркардшуда ва бақияи ашёи хом муайян менамояд.

2. Дар Тартиби мазкур мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

- ашёи хоми воридотӣ - моле, ки (ба истиснои молҳои зераксизӣ ва ашёи хоми дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда) бо мақсади коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ аз ҷониби молистеҳсолкунандагон ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешавад;
- маҳсулоти коркардшаванда ва ниҳоӣ - моле, ки бо истифода аз ашёи хоми воридотӣ дар натиҷаи коркард дар сатҳи чор аломати аввали мавқеи молии Номгӯи молии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – НМ ФИХ ҶТ) тағйир меёбад;
- молистеҳсолкунанда - шахси ҳуқуқӣ ва/ё соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, ки ашёи хоми воридотиро бевосита барои истеҳсоли маҳсулоти коркардшаванда ва ниҳоӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебарад;
- моли шартан иҷозатдодашуда - моле, ки нисбат ба он тибқи қонунгузории гумрук ва андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз имтиёз фароҳам оварда шудааст ва танҳо барои мақсадҳое истифода мешавад, ки ба шартҳои фароҳам овардани имтиёз мутобиқат менамояд.

### 2. Пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои барасмиятдарории гумрукии ашёи хоми ҷиҳати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда

3. Ҳангоми барасмиятдарории гумрукии ашёи хоми воридотӣ, ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қисми 5 моддаи 131 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 4 Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани ашёи хоми ҷиҳати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда, ба мақоми гумрук ҳуҷҷатҳо ва маълумоти иловагии зерин пешниҳод карда мешаванд:

- маълумотнома оид ба меъёри истеҳсоли моли ниҳоӣ аз ашёи хоми воридшуда;

- маълумотнома оид ба амалиёти коркард, миқдор, номгӯи моли ниҳоии истеҳсолшаванда, миқдори партовҳои ҳосилшуда дар натиҷаи коркард ва мӯҳлати анҷоми амалиётҳои коркард;

- ӯҳдадорӣ оид ба риояи истифодаи мақсадноки ашёи хоми воридгардида (мутобиқи Замимаи 1).

4. Молистеҳсолкунанда ҳуқуқ дорад дигар ҳуҷҷатҳоеро, ки ӯ барои гирифтани имтиёз зарур мешуморад, ба мақоми гумрук пешниҳод намояд.

### 3. Пешбурди баҳисобгирӣ ва пешниҳоди ҳисобот оид ба ҳаҷми маҳсулоти коркардшуда ва бақияи ашёи хом

5. Молистеҳсолкунанда ӯҳдадор аст, ки ҳар семоҳа, на дертар аз санаи 5 моҳи баъди моҳи ҳисоботӣ оид ба ашёи хоми воридотӣ, ҳаҷми маҳсулоти коркардшуда ва бақияи ашёи хоми воридотӣ мутобиқи шакли замимагардида (Замимаи 2) ба раёсати минтақавии гумрукӣ, ки дар минтақаи фаъолияти он барасмиятдарории гумрукӣ анҷом дода шудааст, ҳисобот пешниҳод намояд.

6. Молистеҳсолкунанда ҳисоботро дар ду нусха дар ҳомили қоғазӣ ва дар шакли электронӣ пешниҳод менамояд. Ҳисоботи пешниҳодгардида бояд бо имзо ва муҳри молистеҳсолкунанда тасдиқ карда шавад.

7. Нусхаи 1-уми ҳисобот бо мақсади пешбурди баҳисобгирии ашёи хоми воридотӣ, ҳаҷми маҳсулоти коркардшуда ва бақияи ашёи хом, дар раёсати минтақавии гумрукӣ, ки дар минтақаи фаъолияти он барасмиятдарории гумрукӣ анҷом дода шудааст, нигоҳ дошта мешавад ва нусхаи 2-юми ҳисобот баъд аз гузоштани қайди дахлдор ба шахси онро пешниҳоднамуда бозпас гардонида мешавад.

8. Ҳангоми пур кардани шакли ҳисобот (Замимаи №2) маълумоти зерин нишон дода мешаванд:

- дар сутуни 1 - рақами тартибӣ;
- дар сутуни 2 - номи шахси ҳуқуқӣ ва/ё соҳибкори инфиродӣ;
- дар сутуни 3 - рақами декларатсияи бори гумрукӣ (минбаъд - ДБГ);
- дар сутуни 4 - номгӯи мол (ашёи хом);
- дар сутуни 5 - рамзи мол (ашёи хом) мутобиқи НМ ФИХ ҶТ;
- дар сутуни 6 - арзиши гумрукии мол (бо доллари ИМА);

- дар сутуни 7 - миқдори моли (ашёи хом) воридшуда бо кг;

- дар сутунҳои 8 ва 9 - арзиши гумрукӣ ва вазни моли (ашёи хом) аз аввали сол воридшуда;

- дар сутуни 10 - миқдори ашёи хоми коркардшуда бо кг;

- дар сутуни 11 - бақияи ашёи хоми коркарднашуда бо кг;

- дар сутуни 12 - номгӯи маҳсулоти истеҳсолшуда;

- дар сутуни 13 - миқдори маҳсулоти истеҳсолшуда бо кг (аз ҳисоби ашёи хоми воридшуда);

- дар сутуни 14 - рамзи моли истеҳсолшуда мутобиқи НМ ФИХ ҶТ;

- дар сутуни 15 - миқдори партовҳо бо кг;

- дар сутуни 16 - арзиши партовҳо бо сомонӣ;

- дар сутунҳои 17 ва 18 - арзиши гумрукӣ ва вазни маҳсулоти истеҳсолшуда аз аввали сол (аз ҳисоби ашёи хом) бо кг;

- дар сутунҳои 19 ва 20 - арзиши гумрукӣ ва вазни маҳсулоти содиротшуда ба хориҷи кишвар (аз ҳисоби маҳсулоти истеҳсолшуда) бо кг.

9. Дар ҳолати аз ҷониби молистеҳсолкунанда вайрон кардани давраи коркарди пурра ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ аз ашёи хоми воридшуда, маблағи озодшудаи андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ аз ҳаҷми ашёи хоми воридотии коркарднашуда, тибқи қонунгузории андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб ва пардохт карда мешавад.

Замимаи №1

Ба Тартиби пешниҳоди ҳисобот оид ба ҳаҷми маҳсулоти коркардшуда ва бақияи ашёи хоми ҷиҳати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда

Ба Сардори _________________________
(*номи мақоми гумрук*)

# Ариза-уҳдадорӣ

Хоҳишмандам иҷозати барасмиятдарории молҳои ба суроғаи _______________________

_______________________________________________________________
(*ном ва суроғаи ҳуқуқии қабулкунанда*)

тибқи қарордоди/шартномаи _______________________________________ бо
(*рақам ва таърихи рӯз*)

_______________________________________________________ басташуда,
(*ном ва суроғаи ҳуқуқии ирсолкунанда*)

бо пешниҳоди имтиёзҳои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда мутобиқи

_______________________________________________________диҳед.
(*шакл, санаи қабул, рақам ва номи санади меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон*)

Мол:

| № р/т | Номгӯи мол (ашёи хом) | Рамзи НМ ФИХ ҶТ (дар сатҳи 10 рақам) | Кишвари ирсолкунанда | Кишвари истеҳсолкунанда | Теъдоди ҷой | Вазн, кг | Арзиши мол бо доллари ИМА |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | | |
| 2. | | | | | | | |
| 3. | | | | | | | |

Ҳуҷҷатҳои замимагардида:

1. ____________________________________________________
2. ____________________________________________________
3. ____________________________________________________

Баъди ба анҷом расонидани барасмиятдарории гумрукӣ ӯҳдадор мешавам:

- молро то анҷоми коркард ё истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ба шахсони сеюм надиҳам, аз ҷумла бо роҳи фурӯхтан ё бо роҳи дигар бегона кардани он, инчунин молро ба дигар мақсадҳо истифода (корфармоӣ, истеъмол) набарам;
- ҳар семоҳа ҳисобот оид ба ашёи хоми воридотӣ, ҳаҷми маҳсулоти коркардшуда, бақияи ашёи хоми воридотӣ ва мақасаднок истифода бурдани моли воридгардида пешниҳод намоям.

Дар ҳолати ғайримақсаднок истифода бурдани мол, омода ҳастам ҷавобгарии тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардидаро ба душ гирам, инчунин, пардохтани маблағи пардохтҳои гумрукиро пурра таъмин намоям.

Роҳбар ________________ ____________________________.
*(имзо)* *(ному насаб ва номи падар)*

Сармуҳосиб ___________ ____________________________.
*(имзо)* *(ному насаб ва номи падар)*

«____»_______20___с.
(таърихи рӯз)

мӯҳри шахси ҳуқуқӣ ё
соҳибкори инфиродӣ